**Маълумот**

**оид ба қарзи давлатӣ ва сармоягузориҳои давлатӣ**

**ба ҳолати 1 январи соли 2023**

Ҳаҷми умумии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2023 маблағи 3,7 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин ба 32,5 фоизи ММД баробар мебошад *(барои муқоиса: ба ҳолати 1 январи соли 2022 – 42,8% буд).*

Аз ҷумла:

- 3,2 млрд доллар (88 %) - қарзи беруна;
- 0,5 млрд доллар (12 %) - қарзи дохилӣ.

## ҚАРЗИ БЕРУНАИ ДАВЛАТӢ

Тибқи маълумот ҳаҷми умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2023-ум 3,2 млрд долларро ташкил медиҳад, ки ин ба 28,5 фоизи ММД баробар мебошад.

ба таври зерин ташаккул ёфтааст:

- қарзи бевоситаи давлатӣ 3 087,6 млн доллар;
- қарзи ҷалбнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон 0,0 млн доллар;
- қарзҳо бо кафолати давлатӣ 140,7 млн доллар.

Дар соли 2022 ҳаҷми умумии қарзи беруна, бо дарназардошти баргардонидани қарзҳо дар доираи як қатор лоиҳаҳо ва фарқияти қурбӣ маҷмӯан ба маблағи 71,0 млн доллар кам гардид.

Мушаххасан, тағйирёбӣ аз амалиётҳои зерин иборат мебошад, аз ҷумла:

- афзоиши азхудкунии маблағҳои қарзӣ: 183,7 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби фарқияти қурби асъор: 73,3 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби пардохти қарзи асосӣ: 181,4 млн доллар

Азхудкунии маблағҳо аз манбаъҳои зерин анҷом дода шудааст, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| - Бонки Умумиҷаҳонӣ | 38,8 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Рушд | 15,7 млн доллар |
| - Бонки Исломии Рушд | 16,9 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 24,1 млн доллар |
| - Фонди СДСН (ОПЕК) | 6,0 млн доллар |
| - Фонди Авруосиёии Муътадилгардонӣ ва Рушд | 3,6 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ | 10,3 млн доллар |
| - Фонди Байналмилалии Рушди Кишоварзӣ | 1,9 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохтор | 3,3 млн доллар |
| - Фонди Қувайтии Рушд | 6,6 млн доллар |
| - Фонди Саудии Рушд | 16,5 млн доллар |
| - Кафолатҳои БАТР | 40,2 млн доллар |
| Ҳамагӣ: | 183,7 млн доллар |

Дар соли 2022 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 254,6 млн доллар пардохт шудааст, ки аз он пардохти қарзи асосӣ 181,4 млн доллар ва фоизи қарз 73,2 млн долларро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки дар соли ҷорӣ дар доираи 4 созишномаи қарзӣ уҳдадориҳои қарзӣ пурра ба анҷом расонида шуд.

Хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ аз манбаъҳои зерин анҷом дода шуд:

- аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ (танҳо барои пардохти қарзи берунаи бевоситаи давлатӣ) 230,7 млн доллар, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 160,2 млн доллар ва фоизи қарз 70,5 млн доллар;
- аз ҳисоби муассисаю ташкилотҳои давлатӣ барои хизматрасонии қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда 21,4 млн доллар.

Инчунин, ба сохтори қарзи беруна қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда ворид гаридаанд, ки ба ҳолати 1 январи соли 2023 маблағи умумии 140,7 млн долларро ташкил медиҳад.

# ҚАРЗИ ДОХИЛИИ ДАВЛАТӢ

Қарзи дохилии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2023 маблағи умумии 4,68 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 4,0 фоизи ММД баробар мебошад.

Дар соли 2022 бо мақсади хизматрасонии қарзи дохилии давлатӣ маҷмуан 704,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 324,8 млн сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши молу мулки бонкҳои муфлисгардида 320,4 млн омонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ маблағи 59,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соли 2022 ҳаҷми умумии қарзи дохилӣ ба 373,8 млн сомонӣ кам гардид, ки сабабҳои коҳиш гардидани он аз ҳисоби хизматрасонии қарзи дохилӣ ва пеш аз ҳама (тибқи ҷадвалҳои замимагардида):

- пардохти қарзи асосии қарзи дохилӣ ба маблағи 310,0 млн сомонӣ;

- иҷрои уҳдадориҳои бонкҳои муфлисгардида яъне ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвестбонк» (пардохти қарзи асосӣ) дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527, дар маҷмуъ ба маблағи 107,4 млн сомонӣ;

- иҷрои уҳдадориҳои вексели давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» (пардохти қарзи асосӣ) дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №178, дар маҷмуъ ба маблағи 6,3 млн сомонӣ;

Ғайр аз ин, дар ин муҳлат ҳаҷми умумии қарзи дохилӣ ба маблағи 49,9 млн сомонӣ зиёд гардида аст, ки сабаби он асоан аз ҳисоби векселҳои хазинадории Вазорати молия барои пӯшонидани касри буҷет мебошад.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои қарзи дохилии давлатӣ дар соли 2022 аз рӯи коғазҳои қиматноки давлатӣ, векселҳои хазинадорӣ ва қарзи ҷалбгардидаи давлатӣ дар маҷмуъ 688,0 млн сомонӣ пардохт карда шудааст, ки аз он қарзи асосӣ 653,0 млн сомонӣ ва фоизи қарз 35,0 млн сомониро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии қарзи асосӣ дар доираи қарзи дохилии давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ (653,0 млн сомонӣ), аз ҷумла:

1) аз ҳисоби хароҷоти ҷории Буҷети давлатӣ ба маблағи 290,7 млн сомонӣ, аз ҷумла:

- пардохти қарзи асосии қарзе, ки Вазорати молия аз Бонки миллӣ ҷалб намудааст ба маблағи 106,0 млн сомонӣ;

- пурра пардохт намудани қарзи асосии векселi давлатии Вазорати молия барои дастгирии соҳаи энергетика (ҶСК «НБО Роғун») ба маблағи 122,0 млн сомонӣ;

- пурра пардохт намудани қарзи асосии векселҳои давлатӣ барои ҷуброни қарзи хоҷагиҳои пахтакорӣ ба маблағи 59,0 млн сомонӣ;

- пардохт намудани қарзи асосӣ дар асоси фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №96-фм, яъне бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» воқеъ дар шаҳри Хоруғ, к. Ленин 48 бо арзиши 3,7 млн сомонӣ ба тавозуни Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда аст.

2) аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои Буҷети давлатӣ 284,7 млн сомонӣ, аз ҷумла:

- пардохти бақияи қарзи асосӣ ба маблағи 23,0 млн сомонӣ аз рӯи Вомбаргҳои дарозмуддати хазинадории Вазорати молия барои танзими муносибатҳои молиявӣ байни Вазорати молия ва Бонки миллӣ;

- пардохти қарзи асосии векселҳои давлатии хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 229,4 млн сомонӣ;

- пардохти қарзи асосӣ тибқи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №115-ф, яъне як қисми молу мулки ҶСК «Агроинвестбонк» дар ҳаҷми 27,8 млн сомонӣ ба моликияти ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» бар ивази уҳдадориҳои ҶСК «НБО Роғун» (аз ҳисоби пурра намудани фонди оинномавӣ) ба тавозуни ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» гузаронида шуда аст;

- пардохт мувофиқи фармоиши дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2022, №52-ф, яъне як қисми молу мулки ҶСК «Агроинвестбонк» дар ҳаҷми 4,5 млн сомонӣ ба моликияти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, аз ҳисоби ҷуброни зарари замин ва талафи истеҳсолоти кишоварзӣ ҷамъоварӣ гардидааст.

3) аз ҳисоби ба фурӯш рафтан ё ба иҷора додани боқимонда молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвестбонк», ва инчунин аз ҳисоби фурӯши молу мулки ширкатҳо аз рӯи векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» ба маблағи 77,6 млн сомонӣ, аз ҷумла:

- пардохти қарзи асосии векселҳои давлатӣ барои сармоякунонии ҶСК « Агроинвестбонк» ба маблағи 60,1 млн сомонӣ;

- пардохт гардидани қарзи асосии векселҳои давлатӣ барои сармоякунонии ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ба маблағи 11,2 млн сомонӣ;

- пардохт гардидани қарзи асосии векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» ба маблағи 6,3 млн сомонӣ.

Хизматрасонии фоиз дар доираи қарзи дохилии давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ (35,0 млн сомонӣ), аз ҷумла:

1) аз ҳисоби хароҷоти ҷории Буҷети давлатӣ 25,2 млн сомонӣ, аз ҷумла:

- пардохти бақияи фоизи вомбаргҳои дарозмуддати хазинадории Вазорати молия ба маблағи 116,8 ҳазор сомонӣ;

- пурра пардохти фоизҳои Вексели давлатии Вазорати молия барои дастгирии соҳаи энергетика (ҶСК «НБО Роғун») ба маблағи 4,5 млн сомонӣ;

- пардохти фоизи векселҳои давлатӣ барои ҷуброни қарзи хоҷагиҳои пахтакорӣ ба маблағи 2,6 млн сомонӣ;

- пардохти фоизҳои қарзе, ки Вазорати молия аз Бонки миллӣ ҷалб намудааст ба маблағи 18,0 млн сомонӣ.

2) аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои Буҷети давлатӣ 9,8 млн сомонӣ аз ҷумла:

- пардохти фоизи Вомбаргҳои дарозмуддати хазинадории Вазорати молия ба маблағи 6,9 млн сомонӣ;

- пардохти фоизи векселҳои давлатӣ барои ҷуброни қарзи хоҷагиҳои пахтакорӣ ба маблағи 2,4 млн сомонӣ;

- пардохти фоизи векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 574,1 ҳазор сомонӣ.

Хизматрасонии коғазҳои қиматноки давлатие, ки барои сармоякунонии ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» баровaрда шудаанд, бояд аз ҳисоби фурӯши молу мулки бонкҳои болозикр ва хизматрасонии векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» аз ҳисоби молу мулки ширкатҳо пардохт мегарданд.

Дороиҳо, қарзи ташкилотҳои барҳамхурда ва қарзи тавассути БДА ҶТ «Амонатбонк» ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон ва гурезаҳо аз ҷониби Буҷети давлатӣ ҷудогардида, ки берун аз сохтори қарзи дохила мебошанд:

1) Дар давраи ҳисоботӣ уҳдадориҳои 30 ташкилоту корхонаҳои беэътимодмонда, ки муҳлати даъвояшон гузаштааст ва қарздории онҳо дар назди Буҷети давлатӣ то инҷониб боқӣ мондааст, ҳамчун дороиҳои молиявии давлатӣ ҳисобида шудаанд, маблағи 442,9 млн сомониро ташкил медиҳад.

2) Қарзи ташкилотҳои барҳамхурда, ки дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳисоббаробаркунӣ ба зиммаи Вазорати молия вогузор карда шудааст, аз он ҷумла:

- дебиторҳо 69,2 млн сомонӣ;
- кредиторҳо 52,2 млн сомониро ташкил медиҳад.

3) Баргардонидани маблағҳои қарзӣ тавассути БДА ҶТ «Амонатбонк» аз ҳисоби қарзҳои ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон ва қарз ба гурезаҳо, ки тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои қаблӣ ва ҳамасола аз буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд, дар маҷмуъ аз ҳисоби қарзи асосӣ маблағи 3,0 млн сомониро ташкил медиҳад, ки аз он:

- муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ (қарзи асосӣ) – 1,2 млн сомонӣ;
- хизматчиёни давлатӣ (қарзи асосӣ) - 5,3 ҳазор сомонӣ;
- омӯзгорони ҷавон (қарзи асосӣ) - 1,6 млн сомонӣ;
- омӯзгорони ҷавон (фоиз) – 139,4 ҳазор сомонӣ.

Дар натиҷа, бақияи қарзҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ба ҳолати 31 декабри соли 2022 маблағи 40,3 млн сомониро ташкил дод.

## ЛОИҲАҲОИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар ҷумҳурӣ 77 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 3,9 млрд доллар, аз ҷумла 2,4 млрд доллар маблағи грантӣ, 1,4 млрд доллар маблағи қарзӣ ва 135,0 млн доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд.

Дар соли 2023 аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 6 824,9 млн сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудааст, ки ин ба 98,2 фоизи нақшаи аниқшудаи солонаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои соли 2023 баробар мебошад.

Азхудкунии маблағҳои қарзӣ дар ҳаҷми 3 086,1 млн сомонӣ баробар ба 131,2 фоизи нақшаи солона ва маблағҳои грантӣ 3 738,8 млн сомонӣ баробар ба 81,3 фоизи нақшаи солона таъмин гардид.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда 184,8 млн сомонӣ ба соҳаи ҳокимият ва идоракунии давлатӣ; 17,5 млн сомонӣ ба соҳаи мудофиа; 488,0 млн сомонӣ ба соҳаи маориф; 386,1 млн сомонӣ ба соҳаи тандурустӣ; 431,4 млн сомонӣ ба соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ; 130,2 млн сомонӣ ба

соҳаи фарҳанг ва варзиш; 2 553,0 млн сомонӣ ба соҳаи энергетика; 750,8 млн сомонӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва 1 883,1 млн сомонӣ ба соҳаи нақлиёт равона шудааст.

Ҳамкориҳо бо шарикони рушд дар ин давра тақвият дода шуда, дар давоми соли 2022 – 19 созишномаи қарзию грантӣ барои татбиқ гардидани 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 664,9 млн доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд, ки аз он маблағҳои грантӣ 612,3 млн доллар, маблағҳои қарзӣ 25,7 млн доллар ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26,9 млн доллари амрикоӣ ташкил медиҳад.